# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI–XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Таърихи таҳқиқи масъалаҳои пайдоиши нақди адабӣ ва таҳаввулу танаввуи он дар адабиёти классикии тоҷику форс чандон тулонӣ нест. Дар миёнаи солҳои 70-ум ва 80-уми асри гузашта адабиётшиносон Худоӣ Шарифзода, Раҳими Мусулмониён, Абдунабӣ Сатторзода ва Маҳмадёр Шарифов дар заминаи «консепсияи эстетикаи нормативӣ» ба баррасии вижагиҳои назарияи адабиёт дар осори адибони гузашта даст заданд ва дар иртибот бо моҳияти саноъеи адабӣ, дастурҳои таърифу таснифи жанрҳо дар улуми адабии классикӣ, решашиносии ақоиди назарияпардозон, таносуби лафзу маънӣ ва суннату навангезӣ дар афкори адабиётшиносони салаф рисолаҳои мабсуте таълиф намуданд. Вобаста ба мавзуи меҳварии худ донишмандони мазкур ҷо-ҷо ба масъалаҳои нақди адабӣ ва сайри таҳаввули таърихии он низ таваҷҷуҳ гуморидаанд. Аммо, то ҳол тадқиқоти ҷудогонае роҷеъ ба марҳалаҳои такомули нақди адабӣ, ки ҷузви муҳимми шинохт ва маърифати осори бадеӣ ба шумор меояд, сомон напазируфтааст. Ҷустуҷӯҳои олимони рус ва Эрон гоҳе хеле умумӣ ва гоҳе дар маҳдудаи танге сурат гирифта, омӯзиш ва баррасии комплексии муаммоҳои нақди адабиро ҳадафи аслии худ қарор надодаанд.

Ба ин маънӣ диссертатсияи Маҳмадшо Маҳмадшоев кӯшиши арзишмандест, ки аз пойгоҳи нави таҳқиқ ва бо чашмандози фарохи илмӣ мухтассоти нақди адабиро дар адабиёти асрҳои XVI-XVII-и тоҷику форс равшан менамояд ва ҷодаҳои наверо дар пажуҳиши ин

матолиб арза медорад. Муҳаққиқ бо таҳлилу таснифи маводи фаровони адабиву таърихӣ, ки дар фосилаи дусад сол навишта шудаанд, муҳокима ва хулосаҳои илмии худро бо асноду далоили муътамад ба субут мерасонад. Маводе, ки Маҳмадшо Маҳмадшоев аз таркиби осори манзуму мансури шуаро, тазкираҳои сершумори донишмандони Хуросону Мовароуннаҳр ва Шибҳи қораи Ҳинд, осори ёддоштӣ, таърихномаҳо ва рисолаҳои тахассусии суханшиносон бо диққати назар берун овардааст, манзараи ҳатталимкон комили ҳаёти адабиро аз диди наққодону суханшиносон ҷилвагар месозад. Муаллиф бо дониш ва салоҳияти муносиб ба мавзуи баҳс дар танзиму таҷзияи ин маводи пурбори илмиву адабӣ равиши саҳеҳро дарёфта, сохтор ва бандубасти диссертатсияро мувофиқ ба мантиқи воқеияти адабӣ тарҳрезӣ намудааст.

Ҷараёни таҳқиқ, муҳокимаронӣ ва натиҷабардориҳои муаллифи диссертатсия дар мавриди маҷмуи масъалаҳои наққодӣ: заминаҳои густариши нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI-XVII, анвои нақди адабӣ ва ривоҷи онҳо, тазкиранигорӣ ва рушди нақди адабӣ, нақди шеър дар маҳфилҳои адабӣ, таназзул ва таҷаддуди равобити адабии ҳавзаҳо ва мактабҳои сухангустарӣ, авомили дохилӣ ва берунии шаклпазирии меъёрҳои суннатӣ арзишгузориҳои ҷадидро дар шинохти моҳияти каломи бадеъ падидор овардаанд. Равиши гуногунҷабҳаи таҳқиқ бо корбандии шеваҳои муосири илмӣ, ки дар пайвандгоҳи таваҷҷуҳ ба масъалаҳои таърих ва назарияи адабиёт чашмандози диссертантро амиқ бурдааст, муҳимтарин хусусиятҳои нақди адабии даврони мазкурро, ки бо зуҳури сабки ҳиндӣ алоқаманд буд, ба таври боиставу шоиста муаррифӣ кардаанд.

Маҳмадшо Маҳмадшоев бори нахуст масъалаҳои нақду сухансанҷии адабиёти классикиро дар марҳалаи мушаххаси таърихии он мавриди пажуҳиши густарда қарор дода, рисолаи ҷомеъ ва комилеро пешниҳод кардааст, ки бо таҳлилҳои дақиқ, асосҳои муътамади илмӣ ва бардошту хулосаҳои ҷолиб имтиёз мекунад.

Диссертатсияи Маҳмадшо Маҳмадшоев ба ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 32 мақолаи илмӣ ва як монография ба нашр расонидааст, ки аз он 20 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, интишор ёфтаанд. Инчунин 12 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву хориҷ аз он нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI–XVII» дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ сухани нав буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси **10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** лоиқ дониста шавад.

**Мушовири илмӣ**:

Доктори илми филология, профессор,
академики Академияи миллии илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Комиссияи
марказии интихобот ва раъйпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода**

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳувайдуллоев,
бинои 254, ҳуҷраи 67 тел.: (+992) 987975555.

Имзои Салимӣ Носирҷон Юсуфзодаро
тасдиқ мекунам:

Мудири Шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи
Комиссияи марказии интихобот ва
раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Нормухаммедов А.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 46,
тел.: (+992 37) 227-95-47
емайл: tajikistan.elections@gmail.com

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«9» июня соли 2023.